“Тасдиқ менамоям”
Директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии биотехнологияи назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
н.и.б. ____________Каримов Ҳ.С.
«___» ___________ соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи: «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» кори бисёрсолаи мукаммали илмии ба анҷом расида баҳисоб меравад. Соҳаи таҳқиқоти мавзуи диссертатсия селексия ва тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ буда, мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Картошкапарварӣ яке аз соҳаҳои муҳими кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, ҷиҳати таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ дар деҳот, мавқеи муайянро ишғол менамояд. Рушди минбаъдаи картошкапарварӣ дар ҷумҳурӣ ба ташкил намудани системаи илман асосноки тухмипарварӣ дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ вобастагии зич дорад. Бо назардошти ин картошкапарварӣ самти афзалиятноки растанипарварӣ дар заминҳои обии ҷумҳурӣ буда, яке аз ҳадафҳои

асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи худкифо расонидани истеҳсолоти дохилӣ мебошад, ки таҳқиқоти мазкур ба ҳалли ин ҳадаф нигаронида шудааст. Бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани рушди соҳаи картошкапарварӣ дар кишвар, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", ки аз 03.04.2021, №117 тасдиқ гардид, қабул намудааст. Ин барномаи давлатӣ ба рушди соҳаи тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ, махсусан тухмипарварии картошка дар ҷумҳурӣ заминаҳои мусоид гузошт.

Дар афзун намудани истеҳсоли картошка, навъҳои серҳосил ва тухмии хушсифат нақши калидиро мебозанд. Ба роҳ мондани корҳои селексионӣ, интродуксияи навъу намунаҳо дар шароитҳои гуногуни парвариш ва истеҳсоли тухмии аълосифат яке аз омилҳои ҳалкунандаи пешрафти соҳаи мазкур ба шумор меравад.

Бояд гуфт, ки дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар соҳаи картошкапарварӣ, масъалаи таъсири омилҳои агроэкологии минтақаи кӯҳӣ ва минтақабобкунии навъҳои нави картошка то кунун ба нуқтаи ниҳоии худ нарасидааст. Бо мақсади ҳалли масъалаҳои ҷойдошта Акрамов А.Х. таҳқиқотҳои илмии худро доир ба мутобиқкунии навъҳои нави картошкаи дорои иқтидори баланди маҳсулнокӣ, дар шароити мавзеъи Лахши водии Рашт, ки муҳимтарин минтақаи картошкапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, равона намудааст.

Бо назардошти ин гуфтаҳо бешубҳа мавзуи таҳқиқоти илмӣ ва кори анҷомёфтаи Акрамов А.Х. хеле мубрам буда, аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда ҳамасола дар ҷаласаи Шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ муҳокима гардидааст. Муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо оид ба истеҳсолот асоснок карда шуда, ба маълумоти таҳлилӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд, ки дараҷаи

эътимоднокии онҳо бо коркарди оморӣ бо истифода аз барномаи компютерии Microsof Exsel собит шудааст. Хулоса ва пешниҳодҳо ба таҳқиқоти илмӣ асос ёфта, натиҷаи онҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ ва маҷаллаҳои тақризшаванда таъйид шудаанд.

Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самти афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ алоқамандии зич дошта, бо як қатор барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла:

1. "Барномаи давлатии рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, №790 аз 30.12 .2015;

2."Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020", №438 аз 20.10.2016;

3. "Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2012-2020", №383 аз 01.08.2012;

4. "Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", №117 аз 03.04.2021 тасдиқ гардидааст, алоқамандии калон дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Муаллиф собит сохтааст, ки бори аввал дар шароити кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашт омӯзиши хусусиятҳои биологӣ, агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқгардонии навъҳои нави интродуксионии картошка ба шароити номусоиди табиӣ дар радифи тағйирёбии глобалии иқлим омӯхта шуда, дар асоси омӯзиши ҳамаҷониба самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошка дар минтақа муайян намудааст. Корҳои илмӣ таҳқиқотии гузаронидаи Акрамов А.Х. ва таҳлилу баррасии натиҷаҳои таҳқиқотҳои он саҳеҳии кори диссертатсиониро собит месозад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳамияти илмию амалии таҳқиқотҳои гузаронида шуда дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ оид ба хусусиятҳои биологӣ ва селексионии навъҳои интродуксионии картошка донишҳои нав ба даст оварда, аз натиҷаи омӯзишҳо ба истеҳсолот

пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати картошка ҳисобида мешавад.

Таҳқиқотҳо собит сохтанд, ки навъҳои Янка, Вектар, Скарб ва Бриз аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва устуворият ба омилҳои табиӣ аз дигар навъҳо бартарӣ дошта, ҳамчун навъҳои ояндадор ба истеҳсолот пешниҳод карда мешаванд.

Муаллиф исбот намудааст, ки нишондиҳандаҳои ҳосилнокии баланди навъҳои Янка, Скарб, Вектар ва Бриз ба баландшавии самаранокии иқтисодии картошкаи истеҳсолшаванда, мусоидат мекунад. Муаллиф ба исбот мерасонад, ки аз парвариши навъҳои Янка 58,38 ҳазор сомонӣ/га, Вектар 41,13 ҳазор сомонӣ/га, Скарб 43,38 ҳазор сомонӣ/га ва Бриз 39,30 ҳазор сомонӣ/га дар шароити кӯҳии ноҳияи Лахш фоидаи соф ба даст оварда мешавад. Тадбиқи пурраи натиҷаҳои илмии ба даст омада дар истеҳсолот метавонад ба сатҳи иқтисодию иҷтимоии аҳолӣ таъсири мусбӣ расонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Муаллиф таҳқиқотҳои саҳроию озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои илмии ба даст овардашуда ва муайян намудани самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои картошкаро дар асоси Дастури таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [1985] ба роҳ монда, муайян намудани сатҳи сироятёбии навъҳои картошка аз касалиҳоро аз рӯйи методикаи М.В. Бордукова [1967], амлӣ намудааст.

Дар давраи нашъунамои картошка мушоҳидаҳои фенологӣ бо таҳлили аломатҳои гузариши давраҳои сабзиши онҳо, нишондиҳандаҳои биометрии навъҳо, муайян намудани сатҳи барг, вазни баргу поя, баҳодиҳӣ ба маҳсулнокӣ ва ҳосилнокии навъҳои картошка дар давраи пухта расидани ҳосил вобаста ба дастурамал ва тавсияҳои методӣ истифода бурда шудаанд. Асоснокии натиҷаи таҳқиқот аз рӯйи таҳлили дисперсионӣ [Доспехов, 1985] санҷида шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаи таҳқиқ шаҳодат медиҳад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии муаллиф дар омода намудан ва интихоби дурусти мавзуи таҳқиқотӣ, аз ҷумла асосноккунии назариявию амалии самти интихобшуда ва усулҳои таҳқиқот, ташкилу гузаронидани таҷрибаҳои саҳрои ва озмоишгоҳӣ, апробатсия ва татбиқи натиҷаҳо, таҳлилу коркарди оморӣ иборат буда, муаллиф иҷрокунандаи асосӣ мебошад. Ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва нашри мақолаҳои илмии анҷом дода шуда, инчунин таҳияи умумии диссертатсия ва автореферати он аслияти матни диссертатсияро инъикос менамояд. Иштироки бевоситаи муаллиф ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ ба 82 % баробар мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷалаҳои такризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 мақола дар маводи конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назариявии АИКТ ва 2 мақола дар конференсияи байналмилалӣ ба чоп расидаанд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро дар бар мегиранд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Селексия ва тухмипарварӣ омилҳои асосии рушди минбаъдаи соҳаи картошкаправарӣ ба шумор меравaнд. Дар раванди ба даст овардани навъҳои нав ва тухмии баландсифати картошка, мутобиқгардонӣ ба шароитҳои гуногуни агроэкологии минтақаҳои парвариши навъу дурагаҳои ояндадор ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани онҳо, бахри баланд бардоштани самаранокии соҳа метавонанд, накши муҳимро бозанд. Вале, то кунун масъалаҳои таъсири омилҳои гуногуни агроэкологии минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳии кишварамон ба хусусиятҳои рушду сабзиш ва ҳосилнокии навъҳои нави картошка пурра омӯхта нашудаанд. Аз ин ҷост, ки рисолаи илмии мазкур маҳз ба дарёфти роҳҳои ҳалли масъалҳои болозикр дар шароити кӯҳии яке аз минтақаҳои асосии картошкаправарӣ бахшида шудааст.

Бинобар ин, ҳадафи асосии рисолаи мазкур ва мазмуну муҳтавои он ба омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт, баҳри истифодабарӣ дар истеҳсолот ва селексия равона карда шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар 150 саҳифаи матни компютерӣ дарҷ гардида, аз муқаддима, 6 боб, хулоса, тавсия ба истифодаи амалии натиҷаҳо, замима ва рӯйхати адабиёти истифодагардида иборат аст. Кор бо 30 ҷадвал, 19 расм ва 23 диаграмма ороиш ёфтааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 170 номгӯй буда, аз он 8 номгӯй аз муаллифони хориҷаи дур иборат аст.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асоси назарию методологӣ, навгонии илмӣ ва аҳамияти назарию амалӣ муайн шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** маълумоти зарурӣ аз адабиёти гуногун, муаллифҳои зиёди ватаниву хориҷӣ доир ба таърихи пайдоиши зироати картошка, аҳамияти он, таъриху тараққиёти картошкапарварӣ дар Тоҷикистон, хусусиятҳо, аломатҳои биологию ботаникии картошка ва накши селексия дар офаридани навъҳои ояндадори картошка хело васеъ пешниҳод шудааст, ки онҳо аҳамияти таҳлилии ин бобро пурра баён менамоянд.

**Дар боби дуюми рисола** унвонҷӯй маълумотҳои муҳимро доир ба нишондодҳои иқлим, таркиби хок, оид ба навъҳои нави картошка, ки дар таҳқиқот истифода шудаанд, инчунин усулҳои гузаронидани корҳои илмиашро васеъ ва пурра ба қалам додааст.

**Дар боби сеюми рисола**, ки натиҷаи асосии корҳои илмӣ таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад, муаллиф маълумотҳои мушахаси илмиро саҳеҳ ва дақиқ пешниҳод намудааст. Боби мазкур 9 зербобро дар бар гирифта, асоси ин зербобҳо агротехникаи парвариши картошка дар қитъаи таҷрибавӣ, давомнокии фазаҳои сабзиши навъҳои картошка, аломатҳои морфологии навъҳои картошка, маҳсулнокию ҳосилнокӣ ва массаи

умумии биологии навъҳои картошка, алоқамандии аломатҳои навъҳои картошка, ба ҳисоб мераванд.

**Дар боби чоруми рисола** маълумотҳои зарурӣ доир ба касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасони картошка дар макони таҳқиқотҳо оварда шудаанд, ки ин маълумотҳо аҳамияти калони илмӣ доранд.

**Дар боби панҷуми диссертатсия** масоили баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли картошка дар минтақаҳои кӯҳӣ, таҳияи тадбирҳо тавассути маҷмуи нишондиҳандаҳо барои ноил гаштан ба самаранокии истеҳсолии соҳаи картошкапарварӣ дарҷ гардидааст. Боби мазкур аз 2 зербоб иборат буда, доир ба самаранокии парвариши навъҳои гуногуни картошка дар мавзеи Лахш, нишондодҳои асоснок пешниҳод гардидаанд.

**Дар боби шашуми диссертатсия** таҳлилҳои саҳеҳ оид ба натиҷаҳои корҳои илмии гузаронидашуда гирд оварда шудааст. Дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати картошка аҳамияти таҳқиқотҳои илмӣ ба шумор меравад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» дар асоси талаботҳои “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Акрамов Абдуҳалим Холович ба ихтисоси илмии 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад ва ҳақиқатан кори илмии мукаммали ба анҷом расида буда, аҳамияти калони илмию амалӣ дорад. Рисолаи илмӣ дорои ҷанбаҳои баланд ва арзишноки назариявию амалӣ буда, моҳияти ҳосилнокӣ ва самараноки иқтисодии парвариши навъҳои картошкаро вобаста ба шароити минтақаи парвариш инъикос менамояд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар маҷмуъ доир ба натиҷаҳои ба дастовардаи илмии унвонҷӯй, ки дар диссертатсия пешниҳод гаштаанд, чунин эродҳои умумӣ қайд карда мешаванд:

1.Зербоби 3.2 . ба таври лозима хулосагирӣ нашудааст.

2.Зербоби 3.4. “Масоҳати сатҳи баргҳои навъҳои интродуксионии картошка” ном дошта, муаллиф дар ин зербоб масоҳати сатҳи баргҳоро дар растанӣ ва майдон муайян намудааст, аммо бо кадом усул муайян шудааст номаълум?

3.Дар зербоҳои 3.6. ва 3.7. муаллиф маҳсулнокӣ ва ҳосилнокии навъҳои картошкаро дар солҳои таҳқиқот бештар ба боришот рапт медиҳад. Аммо дар зербоби 3.1 оварда шудааст, ки қитъаи таҷрибавӣ 10-12 маротиба обёрӣ гардидааст, бо ин миқдор каратнокии обмонӣ дар шароити минтақаи баландкӯҳ бартараф накардани вобастагии маҳсулнокии навъҳои картошка аз боришоти атмосферӣ, асосноккунии илмиро талаб мекунад.

4.Дар зербоби 3.8. алоқаманди байни аломатҳои гуногун дар навъҳои картошка муайян шудааст, аммо алоқамандӣ байни шароити боду ҳавои минтақа ва нишондиҳандаҳои гуногуни навъҳои картошка омӯхта нашудааст.

5. Дар матни диссертатсия ва автореферат хатогиҳои граматикӣ, орфографӣ, стилистикӣ во мехурад.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатиҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холи нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат

гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертатнт самаранок арзёби мегардад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи "Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй буда, муаллифи он Акрамов Абдуҳалим Холович ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.05.-Селксия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои биологӣ, ходими пешбари озмоишгоҳи биотехнологияи картошкаи Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур омода гардидааст.

Тақриз дар Шурои илмии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии биотехнологияи назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 04 аз 04 сентябри соли 2025).

Дар Шурои илмӣ иштирок доштанд 17 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: **тарафдор -** 17 нафар, **зид** нест, **бетараф** нест.

**Раиси шурои илмӣ:**

Директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ –
таҳқиқотии биотехнологияи
назди Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур,
номзади илмҳои биологӣ Каримов Ҳ.С.

**Эксперт:**

Ходими пешбари озмоишгоҳи
биотехнологияи картошкаи
Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии
биотехнологияи назди Донишгоҳи
аграрии Тоҷикистон ба номи
Ш.Шоҳтемур, номзади илмҳои биологӣ Анварова М.

Котиби илмии шуро Назарова М.Р.

Имзои Каримов Ҳ.С., Анварова М
ва Назарова М.Р- ро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳо Мардонова М.С.

**Нишонӣ:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146.
тел: (992) 909.09.06.70
Email: Khasan/2023@mail.ru

12 сентябри соли 2025